آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

7 декабри соли 2024 Шанбе № 98 (15109)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЛОИҲАҲОИ ИСТИҚБОЛНОК БА ТАҲКИМИ МИНБАЪДАИ ИҚТИДОРИ САЙЁҲӢ ВА ЭНЕРГЕТИКИИ ВИЛОЯТИ ТОШКАНД МУСОИДАТ МЕКУНАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 6 декабр ба вилояти Тошканд ташриф оварда, дар ин ҷо бо корҳо ва лоиҳаҳои истиқболноки дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика ва сайёҳӣ анҷомёфта шинос шуд.



Саркори давлат аввал қатораи нави электрикӣ барои хатсайри Тошканд – Хӯҷакентро аз назар гузаронд.

Мутобиқи қарори саркори давлат аз 10 октябри соли гузашта Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йӯллари» дар ҳолати трансформатсия қарор дорад. Дар доираи он шаш корхонаи мустақил таъсис ёфтанд, ки бо инфрасохтор, хидматрасонии вагонҳо ва ҳамлу нақли мусофирон машғуланд.

Ҳамчунин, парки қатораҳо васеъ мегардад. Ба баланд бардоштани фарогати мусофирон ва сайёҳон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Қатораҳои нав харидорӣ гардидаанд ва рейсҳои қатораҳои электрикии «Афросиёб» байни Тошканд ва шаҳрҳои таърихии Самарқанд, Бухоро ва Қаршӣ бештар шуданд.

Дар ин давра дар кишвар зиёда аз 3 ҳазор километр роҳҳои оҳан электриконида шудаанд. Электрикунонии хатти роҳи оҳани Бухоро – Урганҷ – Хива дар марҳилаи анҷомёбист ва корҳо дар хатсайри Мискин – Нукӯс босуръат идома доранд.

Дар атрофи Тошканд низ роҳи оҳани электриконидашуда сохта шуд, ки ба баланд гардидани қобилияти гузарониши қатораҳо то 30 фоиз мусоидат кард.

Акнун дар хатсайри Тошканд – Хӯҷакент қатораи нави электрикӣ ба истифода дода шуд. Президент бо ин қатора то Хӯҷакент сафар намуда, бо имкониятҳои он шинос шуд.

Вагонҳои қатора васеъ ва бароҳатанд. Дар он 586 ҷойи нишаст барои мусофирон мавҷуд аст. Таблоҳои иттилоотӣ ва низоми бехатарии сӯхтор насб шудаанд. Қатора метавонад суръатро дар як соат то 120 километр расонад. Дар ҳар самт се рейс дар як рӯз анҷом дода мешавад.

Дар ҷараёни сафар Саркори давлат оид ба рушди инфрасохтори роҳи оҳан, беҳтар намудани шароит барои мусофирон, электрикунонии роҳҳои оҳан ва ободонии минтақаҳои атрофи хатсайр ҳисоботҳоро шунид.

Президент супориш дод, ки минтақаҳои ҳамшафати роҳи оҳан байни Тошканд ва Хӯҷакентро ба барномаи таҷдиди соли 2025 ворид карда, ба тартиб оварда шаванд. Ҳамчунин, зарурати рост кардани қисматҳои каҷ ва печидаи хатсайр таъкид гардид, то шумораи рейсҳои ҳаррӯзаи қатораҳои экспресс зиёд шуда, ба мусофирони бештар хидмат расонда шавад.

Корҳо дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» баррасӣ гардиданд. Зарурати сабз намудани атрофи хатҳои роҳи оҳан, шинондани рустаниҳои ба хушксолӣ тобовар бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ дар минтақаҳои захираҳои обашон маҳдуд, инчунин ворид кардани ниҳолҳои ба иқлими маҳаллӣ мувофиқ қайд гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев ба ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд ташриф оварда, бо ҷараёни корҳои созанда шинос шуд.

Муҳаррики асосии рушди ин минтақаи зебоманзари кӯҳӣ, бешубҳа, сайёҳӣ мебошад. Дар солҳои охир инфрасохтор беҳтар гардида, барои дар тамоми фаслҳои сол истироҳат кардан шароит фароҳам оварда шудааст. Марказҳои рекреатсионӣ, солимгардонӣ, лижатозӣ ва дигар навъҳои комплексҳо, инчунин корхонаҳои хӯроки умум сохта шуданд. Санаторияҳо ва лагерҳои кӯдакона таъмир ва навсозӣ гардиданд.

Аз ҷумла, панҷ сол пеш дар ноҳия 26 объект бо ҷамъ 2 240 ҷойи истироҳат мавҷуд буд. Дар ин давра ба рушди соҳаи сайёҳӣ зиёда аз 2 триллион сӯм сармоягузорӣ карда шуд, ки ин имконият фароҳам оварда, то 59 объекти бузурги сайёҳӣ бо зиёда аз 13 ҳазор ҷой бунёд шавад. Роҳи асосии автомобилгард таъмир ва роҳҳои иловагӣ сохта шуданд.

Дар натиҷа, сайёҳӣ дар минтақа босуръат рушд мекунад: шумораи сайёҳон 12 маротиба зиёд шуд. Агар панҷ сол пеш ба Бӯстонлиқ 850 ҳазор нафар дар як сол омада бошанд, пас танҳо дар 11 моҳи соли ҷорӣ 12 миллион нафар ба ин ҷо ташриф оварданд.

Саркори давлат бо лоиҳаҳои нав шинос шуд.

Дар соҳили дарёи Чирчиқ сохтмони маҷмааи сайёҳии «Дарвозаи Чорвоқ» идома дорад. Дар майдони тақрибан 25 гектар 16 бинои баландошёна, 3 меҳмонхона, 2 супермаркет, инчунин зиёда аз 60 объекти хидматрасонии маишӣ, қаҳвахона ва ресторанҳо, идораи бонк, аквапарк, фавворааи мусиқӣ ва таваққуфгоҳ бунёд карда мешавад. Дар болои биноҳо панелҳои офтобӣ насб карда шуда, болои дарё кӯпруки шишагин сохта мешавад.

Маҷмаа метавонад дар як рӯз зиёда аз 5 ҳазор меҳмон қабул кунад. Бо дарназардошти талаботи мавсимӣ, дар ин ҷо 2,5 ҳазор ҷойи корӣ фароҳам оварда мешавад.

Президент оид ба васеъ гардондани доираи хидматрасониҳо, рушди сайёҳии фаъол ва тарҳрезии маҷмааҳои ба ин монанд дар дигар ноҳияҳо супориш дод. Ба масъалаҳои экология ва ташкили минтақаҳои сабз дар маҷмаа таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев аз маҷмааи сайёҳии «Ugam River», ки дар ноҳияи Бӯстонлиқ бунёд мегардад, низ дидан кард.

Ин маскан, ки дар соҳили дарёи Угам мавқеъ дорад, пештар пурра истифода намешуд ва санглох буд. Имсол дар доираи лоиҳае, ки арзишаш беш аз 1 триллион сӯм аст, қариб дар 14 гектар майдон корҳои сохтмонӣ оғоз ёфт. Ҳоло 17 манзили серошёна қад рост мекунад. Онҳо 5, 6 ва 7 ошёна буда, аз 870 хонадон иборатанд.

Инчунин, 16 коттеҷ, 3 ресторан, беш аз бист растаҳои савдо ва хидматрасонӣ бунёд мегарданд. Майдончаҳои бозии кӯдакон, ҳавзи пӯшидаи шиноварӣ, майдончаҳои фитнес ва варзишӣ, амфитеатр, автоистгоҳ, кӯпруки автомобилӣ, пайроҳаҳои сайру гашт дар кӯҳҳо ва назди соҳил ташкил мегарданд.

Маҷмааи нав бо шароитҳои мусоид метавонад соле ба 200 ҳазор нафар меҳмонон хидмат расонад. Ин иқтидори туристии ноҳияро боз ҳам афзун менамояд. Марҳилаи аввал – дар аввали соли оянда ба истифода супурдани биноҳои истиқоматӣ дар назар аст.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ТАБРИКИ ИДОНА БА ХАЛҚИ ӮЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Аз самими қалб шумо, тамоми халқи бисёрмиллатамонро бо 8 декабр – Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон самимона табрик мегӯям.

Бешубҳа, соли ҷорӣ ҳамаи мо аҳамияти ин ҷашнро амиқтар эҳсос мекунем. Зеро, пеш аз ҳама он дар шароити дигаргуниҳои таърихӣ дар соҳаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии ҳаёти мо таҷлил мегардад.

Бояд бори дигар таъкид намуд, ки дар ба ҳаёт татбиқ намудани Қонуни асосии навшудаи мо интихобот ба Олий Маҷлис ва Шӯроҳои маҳаллӣ, ки 27 октябри соли ҷорӣ дар рӯҳияи муборизаи озоду рақобатпазир баргузор шуданд, қадами муҳим гардид. Дар натиҷаи интихобот, ки сатҳи баланди фарҳанги сиёсӣ, ягонагӣ ва вахдати халқи заҳматкаш ва таҳамулпазири моро дар роҳи бунёди Ӯзбекистони Нав нишон дод, дар кишвар низоми нави ҳокимияти намояндагӣ ташаккул ёфт. Ҳуқуқ ва ваколатҳои конститутсионии он пурзӯр гардида, масъулияташ ба дараҷаи назаррас зиёд шуд.

Боз як ҷанбаи муҳим: аз таҷрибаи гузашта, ки дар он ҳокимҳо ҳамзамон роҳбарии шӯроҳои маҳаллиро бар дӯш доштанд, мо ба низоми нав гузаштем, ки дар он бори аввал ба Шӯроҳо раисони аз сафи депутатҳо интихобшуда роҳбарӣ мекунанд.

Ба Шӯроҳои маҳаллӣ додани беш аз 30 ваколати ҳокимҳо гувоҳи густариши минбаъдаи тамоюлҳои демократӣ, халқпарварӣ дар ҷомеаи мо мебошад.

Мувофиқи қоидаи конститутсионӣ бобати он ки халқ манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, мо ислоҳоти худро, ки ба густариши ваколатҳои парлумон ва Шӯроҳои маҳаллӣ, минбаъд баланд бардоштани фаъолнокии онҳо, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фаъолияти самаранок, бо ибораи дигар ифода намоем, ба овози ҳақиқии халқ табдил додани онҳо нигаронида шудааст, қатъиян идома медиҳем.

Дӯстони гиромӣ!

Дар кишвар барои пайваста ба ҳаёт татбиқ намудани тамоюлҳои афзалиятноки кафолати ҳуқуқ, манфиат ва шарафи инсон, ки дар Қонуни асосӣ зикр шудаанд, чораҳои васеъмиқёс андешида мешаванд.

Ба туфайли меҳнати фидокоронаи халқи мо дар солҳои охир иқтисодиёти миллии кишвар 2 баробар афзуда, даромад ба ҳар сари аҳолӣ ба 3 ҳазор доллар расид, сатҳи камбизоатӣ аз 23 то 11 фоиз коҳиш ёфт, фарогирӣ бо таълими томактабӣ аз 74 фоиз ва таълими олӣ аз 39 фоиз зиёд гардид, ки ин бешубҳа натиҷаи таърихист.

Ба мақсади пайваста идома додани ислоҳот, дар амалиёт татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсия дар таҳрири нав масъалаҳои рушди соҳибкорӣ ва дар ин замина – баланд бардоштани даромади аҳолӣ, таҳкими фазои эҳтироми тарафайн ва ризоият дар оилаҳо ва маҳаллаҳо, ҳамаҷониба дастгирӣ намудани намояндагони наслҳои калонсол, занон ва ҷавонон дар маркази эътибори мо боқӣ хоҳанд монд.

Дар Қонуни асосӣ муқаррар шудааст, ки Ӯзбекистон давлати иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои мо ободонии минбаъдаи шаҳрҳо ва деҳот, сохтмони манзилҳои нави истиқоматӣ, муассисаҳои тандурустӣ, таълим, фарҳанг, санъат ва варзиш, навсозии шабакаҳои роҳу коммуникатсия, пурзӯр гардондани ҳифзи иҷтимоии мақсаднок аҳамияти аввалиндараҷа хоҳанд дошт. Аз ҷумла, ду баробар зиёд намудани ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ, гузариш ба низоми суғуртаи тиббӣ ва пурра таъмин кардани аҳолӣ бо хидматрасониҳои кафолатноки тиббӣ вазифаи таъхирнопазир мебошад.

Дар доираи барномаҳо дар соҳаи таълим мо дар солҳои наздик фарогирии таҳсилро дар мактабҳои олӣ ба 50 фоиз мерасонем. Танҳо дар соли 2025 барои таъмири кӯдакистону мактабҳои мавҷуда ва сохтмони боғчаҳои бачагонаву мактабҳои нав аз буҷаи давлатӣ 4 триллион сӯм ҷудо карда мешавад.

Боз як самти муҳим дастгирии қишрҳои ниёзманди ҷомеа мебошад, ки барои он дар маҷмӯъ ҷудо намудани 46,5 триллион сӯм, аз камбизоатӣ баровардани 1 миллион нафар шаҳрванд пешбинӣ шудааст.

Мо инчунин корҳоро оид ба фароҳам овардани шароити боз ҳам мусоид барои шахсони дорои ногиронӣ, иҷтимоисозии онҳо ва умуман таъмини фарогирӣ дар ҷомеа ба сатҳи нав мебарорем. Барои ислоҳоти низоми нафақа низ чорабиниҳои зарурӣ андешида хоҳанд шуд.

Чи хеле ки маълум аст, дар таҳрири нави Қонуни асосӣ бори аввал ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи экология мустаҳкам гардида, ӯҳдадориҳои давлат оид ба ҳифзи муҳити зист, нигоҳ доштани тавозуни экологӣ махсус ҷудо шудааст.

Мо соли 2025-ро дар кишвар **Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз»** эълон намуда, дар самти мазкур вазифаҳои дақиқро муайян намудем.

Итминони комил дорам, ки ин дар татбиқи меъёр ва тамоюлҳои дахлдори конститутсионӣ ҳамчун заминаи муҳим хидмат хоҳад кард.

Аз фурсат истифода бурда, шумо, ҳамватанони азиз, тамоми халқамонро даъват менамоям, ки дар таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии соли оянда фаъолона иштирок намоед.

Мо ҳақ надорем фаромӯш кунем, ки ҳифзи табиат – ин ҳифзи инсон, ояндаи мо. Мо бояд сарвати бебаҳои худ – заминҳои ҳосилхез, чашмаҳои соф, дарёву кӯлҳо, кӯҳу водиҳоро ҳифз намоем, боғу паркҳо, фазои сабз бунёд кунем, то ки Ӯзбекистони азизамон боз ҳам зеботар гардида, наслҳои оянда дар кишвари озоду шукуфон зиндагӣ кунанд.

Ҳамватанони гиромӣ!

Конститутсияи мо ҳамеша кафили боэътимоди таҳкими истиқлолияти миллӣ, ҳифзи сулҳу субот, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо ва таъмини бебозгашти ислоҳоти ҷорӣ буд ва боқӣ хоҳад монд.

Мо бо Қонуни асосии худ – рами зи равшан ва таҷассуми амалии шури сиёсӣ ва иродаи халқамон фахр мекунем. Бар он назарам, ки омӯзиши ҳар як модда, ҳар як меъёри ин ҳуҷҷати беназири ҳуқуқӣ, зоҳир намудани эҳтиром ба онҳо барои ҳар яки мо қарзи муқаддас ва принсипи зиндагӣ гардад.

Итминон дорам, ки бо меҳнати поквиҷдонона, дарк намудани масъулияти худ, мо метавонем самаранокии ислоҳотро боз ҳам баланд бардорем ва ҳатман ба ҳадафҳои бузурге, ки дар назди мо қарор доранд, мерасем.

Бори дигар шумо, ҳамватанони азизро, бо Рӯзи Конститутсия самимона табрик гуфта, ба шумо сиҳатмандӣ, барои оилаҳоятон сулҳу осоиштагӣ ва фаровонӣ таманно дорам.

Бигзор эътибору шуҳрати Ватани азизи мо боз ҳам бештар гардад!

Бигзор, халқи мо, ки офарандаи тамоми дастоварду ғалабаҳоямон мебошанд, хушбахт бошанд!

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БО ПРЕЗИДЕНТИ ҚИРҒИЗИСТОН МУЛОҚОТИ ТЕЛЕФОНӢ АНҶОМ ДОД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 6 декабр Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаровро бо рӯзи таваллуд самимона табрик намуд.

Саркори давлати мо ба роҳбари Қирғизистон саломатии бардавом, саодати оилавӣ ва дар татбиқи ислоҳоти васеъмиқёс, ки ба таъмин намудани рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар, некуаҳволӣ ва шукуфоии халқи бародари қирғиз нигаронда шудаанд, муваффақиятҳои бузург таманно кард.

Масъалаҳои муҳими густариши минбаъда ва таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ миёни Ӯзбекистон ва Қирғизистон баррасӣ шуданд.

Ба иҷрои амалии созишномаҳо дар сатҳи олӣ диққати махсус дода шуд.

Саронии давлатҳо динамикаи афзояндаи рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ ва гуманитариро бо қаноатмандӣ қайд карданд.

Ҳаҷми муомилоти мол аз аввали сол беш аз 700 миллион долларро ташкил дод. Фонди сармоягузории муштарак самаранок фаъолият мекунад, лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои мошинсозӣ, энергетика, электротехника, нассоҷӣ, кишоварзӣ ва дигар татбиқ мегарданд. Робитаҳои байниминтақавӣ ва тиҷоратӣ ва табодули фарҳангӣ фаъол гардиданд.

Аҳамияти суръатбахшии лоиҳаҳои бузурги минтақавии инфрасохторӣ дар соҳаҳои энергетика ва нақлиёт таъкид гардид.

Президенти Ӯзбекистон ва Қирғизистон ҳамчунин оид ба масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ табодули афкор намуда, ҷадвали чорабиниҳои муштараки дарпешистодаро баррасӣ карданд.

ӮзА.

ИФОДАИ БАЛАНДИ ИНСОНПАРВАРӢ

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба муносибати 32-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон чун тасдиқи амалии сиёсати инсонпарварона, ки аз тарафи давлат амалӣ мегардад, ба **Фармон «Дар бораи авф кардани як гурӯҳ шахсоне, ки муддати ҷазоро адо менамоянд, аз кирдорашон сидқан пушаймон шудаанд ва қатъан ба роҳи ислоҳ гузаштаанд»** имзо гузошт.

Мувофиқи фармон дар асоси банди 23 моддаи 109-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон **483** нафар шахсе, ки ҳоло муддати ҷазоро мегузаронанд ва аз кирдорашон сидқан пушаймон шуда, қатъан ба роҳи ислоҳ гузаштаанд, авф карда шуданд.

Аз ашхоси авфшуда **107** нафар аз иҷрои ҷазои асосӣ пурра озод карда шуданд, **275** нафар шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод гардиданд, ҷазои аз озодӣ маҳрум сохтани **7** нафар бо ҷазои сабуктар иваз карда шуданд. Инчунин, муҳлати ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати **94** нафар кам карда шуд.

Дар байни авфшудагон **25** нафарро шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, **32** нафарро занон, **5** нафарро мардони аз синни 60 боло, **274** нафарро ҷавонон (аз онҳо **104** нафар ноболиғон) ва **6** нафарро шахсоне, ки дар фаъолияти созмонҳои мамнӯъшуда ширкат кардаанд, ташкил мекунад.

Дар доираи таъмини иҷрои Фармон ба вазорату идораҳои масъул оиди ба оғӯши оила ва наздиконашон баргардондани шахсони авфшуда, мусоидат дар мутобиқгардии иҷтимоӣ, ҷалб намудан ба меҳнати фоиданок, роҳандозии тарзи ҳаёти солим ва ишғоли ҷойгоҳи шоиста дар ҷамъият супориш дода шуд.

ЛОИҲАҲОИ ИСТИҚБОЛНОК БА ТАҲКИМИ МИНБАЪДАИ ИҚТИДОРИ САЙЁҲӢ ВА ЭНЕРГЕТИКИИ ВИЛОЯТИ ТОШКАНД МУСОИДАТ МЕКУНАНД

(Аввалаш дар сах.1).

Саравари давлатамон аз яке аз ин хонадонҳо дидан кард.

Сайёҳонро бештар табиати зебо ва ҳавои тоза ҷалб мекунад. Бо назардошти ин, дар ҳудуди ҷангали мавҷуда ба таври илова 20 ҳазор бех ниҳол шинонда мешавад. Бо истифода аз технологияи муосир ҳамарӯза 1 ҳазор метри мукааб оби дарё коркард мегардад. Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии дорои иқтидори 2 мегаватт ба истифода дода мешавад.

Президент ба масъулини соҳа ҷиҳати вусъат бахшидан ба таблиғи минтақа ва ҷалби сайёҳон ба чунин масканҳо супоришҳо дод.

Ба туфайли лоиҳаҳои сайёҳӣ ҷойҳои корӣ зиёд мешаванд. Ҳамзамон, зарурати ҳифз кардани касбу ҳунарҳои суннатии мардум таъкид гардид. Масалан, ноҳия барои парвариши занбӯриасал ва лимӯ мувофиқ аст. Ривоҷдиҳии онҳо ҷиҳати ҳифзи муҳити табиӣ аҳамияти калон дорад.

Саравари давлат зимни ташриф ба ноҳияи Бӯстонлиқ аз неругоҳи хурди барқи обии «Угам-1» дидан кард.

Дар мамлакатамон бобати афзунсозии иқтидори энергетикӣ аз тамоми манбаъҳо истифода мешаванд. Аз ҷумла, гидроэнергетика дар таъмини ҳаррӯзаи неруи барқ дар минтақаҳо қулай ва самаранок мебошад. Онҳо метавонанд бидуни пайвастшавӣ ба шабакаҳои умумӣ ҳар як минтақа ва маҳалларо бо неруи барқ таъмин кунанд. Арзиши асосии неруи барқ низ нисбат ба дигар манбаъҳо хеле арзон аст. Бинобар ин, солҳои минбаъда ба ривоҷдиҳии ин соҳа эътибори калон дода мешавад.

Солҳои охир дар мамлакатамон аз ҳисоби 630 миллион доллар сармоя неругоҳҳои барқи обии нав бо иқтидори беш аз 400 мегаватт сохта шуда, иқтидори онҳо ба 2,2 гигаватт расонда шуд.

Дар вилояти Тошканд 25 неругоҳи барқи обӣ бо иқтидори умумии 1330 мегаватт мавҷуд аст. Ин 60 фоизи иқтидори умумии гидроэнергетикии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Имрӯзҳо боз 4 неругоҳи барқи обӣ бо арзиши 880 миллион доллар ва иқтидори 340 мегаватт бунёд мешавад. Инчунин, то соли 2028 дар вилоят 23 лоиҳа бо иқтидори умумии 2400 мегаватт ва ба маблағи 4 миллиарду 800 миллион доллар амалӣ мешавад.

Тавассути сохтмони неругоҳи хурди барқи обии «Угам-1», ки 1,48 мегаватт иқтидор дорад, имкони истеҳсоли 11,8 миллион киловатт соат нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар як сол фароҳам гардид. Дар он гидроагрегатҳои самарбахши замонавӣ ва системаи автоматии идоракунӣ насб карда шуданд. Шоёни эътироф аст, ки дар ин пурра маҳсулоти маҳалликунонидашуда истифода шудааст.

Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа 5 ҳазор хонаводаи маҳаллаҳои Чорбоғ, Хумсон ва Угам, инчунин, марказҳои сайёҳӣ ва фароғатӣ бо неруи барқи бефосила таъмин хоҳанд шуд. Дар як сол қариб 4 миллион метри мукааб газ сарфа мешавад.

То ин дам дар дарёи Угам ду неругоҳи барқии обии хурд сохта шуд. Аз ҳар кадоми онҳо соле дусад миллиард сӯм даромад гирифта мешаванд. Тавассути истифодаи таксории ҷараёни об, имконпазирии то ба даҳ адад расонидани чунин неругоҳҳо таъкид гардид.

Бо ин на танҳо масъалаи энергетика ҳал мешавад, балки инфрасохтори минтақа низ беҳтар мегардад. Соҳибкорӣ, корхонаҳои кишоварзӣ пайдо мешаванд.

Ба Саравари давлат дар бораи лоиҳаҳои дар минтақаҳо пешбинишуда маълумот дода шуд.

Бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва сектори хусусӣ ба соҳа, то соли 2030 ба 6 ҳазор мегаватт расонидани иқтидори умумӣ муқаррар гардидааст. Барои ин шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ фароҳам мебошад. Аз ҷумла, дар қаламрави мамлакатамон имконияти сохтани то ду ҳазор неругоҳҳои барқии обии микро ва хурд мавҷуд аст.

Президент аз минтақаи нави сайёҳӣ, ки дар ноҳияи Бӯстонлиқ сохта мешавад, боздид кард.

Дар ин ҳудуд инфрасохтори зарурӣ ва мақмааи замонавии истироҳатии иборат аз хонаҳои шакли капсула сохта мешавад. Инчунин дар ин ҷо ресторанҳо, роҳҳои симин ва пайроҳаҳои лижатозӣ бунёд хоҳанд шуд.

Хусусияти хонаҳои капсулавӣ дар он аст, ки онҳо сабук, кӯчпазир ва сарфакор мебошанд. Ба шарофати мавҷуд набудани сохтмони васеъ ин манзилҳо ба муҳити зист низ зарар намерасонанд.

Президент таъкид намуд, ки насби чунин хонаҳои капсулавӣ дар дигар ҷойҳои сайёҳӣ, ба мисли Бахмал, Шаҳрисабз ва Бойсун метавонад шумораи бештари сайёҳонро ҷалб намуда, таваҷҷуҳро ба ин минтақаҳо афзун гардонад.

Икром АВВАЛБОЕВ, мухбири ӮзА.

КОНСТИТУТСИЯИ НАВИ ЎЗБЕКИСТОН РАМЗИ БАРҚАРОРӢ ВА ПЕШРАФТИ ВАТАНУ МИЛЛАТ!

Баъди ба истиқлолият ноил шудан Ӯзбекистон соҳиби рамзҳои миллии худ гардид ва ҳамчун давлати мустақил дар ҷаҳон эътироф карда шуд. Конститутсия ҳам яке аз нишонаҳои асосии мустақилии диёрамон ба шумор меравад ва ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ мазмуни ба худ хос дорад.

Меъёрҳои конститутсионӣ бисёр вақт усулҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлат, аз ҷумла, сиёсати хориҷиро низ муқаррар менамоянд. Дар баробари пешрафти мамлакат кадрҳои болаёқат, зиёиёни фидокор, ҷавонони бомаърифат, ҳамватанони илмдӯст кишвари моро ба тамаддуни ҷаҳонӣ хоҳанд расонид. Барои ин мазмуну мундариҷаи таълиму тарбия ва таҷрибаи ба талаботи байналхалқӣ мувофиқ шуури моро бояд равшан кунад. Барои амалӣ намудани ин ҳадафҳои бузург баъди пешниҳодҳои оқилонаи халқи мо Ӯзбекистон давлати иҷтимоӣ эълон карда мешавад. Ин аст, ки саравари давлатамон зимни вохӯрӣ бо аъзои Комиссияи конститутсионӣ оид ба татбиқи тадбирҳои ташкилӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ӯзбекистон масъалаи маорифро зикр намуд: «Мо ба рушди соҳаи маориф, илму фан ва сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа медиҳем. Зеро дар рақобати шадиди имрӯза танҳо миллату давлати босаводу равшанфикр метавонад ба рушди дуруст ноил гардад. Азбаски мо мехоҳем насли нави ниёгони бузургамонро тарбия кунем, бояд рушди афзалиятноки кӯдакистону мактабҳо, таҳсилоти олӣ ва соҳаҳои илмро дар сатҳи конститутсионӣ пурзӯр намоем. Инчунин, дар қомуси умумии мо бояд меъёрҳое мавҷуд бошанд, ки ба муҳайё кардани шароити зарурӣ барои инкишофи муассисаҳои таълимии давлатии томактабӣ, сохтори мактаб ва таълими олӣ, шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла муассисаҳои таълимии хусусӣ алоқаманданд.

Бояд таъкид кард, ки маншаи тағйиру иловаҳо ба Сарқонуни ҷумҳурӣ ҳам баланд бардоштани қадри инсон ва васеъ кардани ҳуқуқу озодиҳои он мебошад. Дар таҳрири нави банди якуми Конститутсия барҳақ таъкид шудааст, ки «Ӯзбекистон кишвари озод, демократӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дунявӣ» (моддаҳои 1-18) мебошад. Дар банди дуюми Сарқонуни нав (моддаҳои 19-64) ҳуқуқи инсон ва таъмини озодиҳои он чун мақсади олии давлат қарор гирифтааст. Сарқонуни нав озодиҳо ва ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ӯзбекистонро назар ба пеш боло бурда, таъмини онро кафолат медиҳад. Шаъни инсон ва дахлнопазирии қадру қимати он, поймол нагардидани ҳуқуқи шаҳрвандон (моддаи 26) махсус ишора гардидааст. Ин аст, ки дар диёри мо нисбат ба баробарҳуқуқии зану мард эътибори калон дода шудааст. Ҳатто дар Сарқонуни мо низ ин ҳуқуқ сабт карда шудааст.

Хулоса, Конститутсияи мо ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, принсипҳои соҳибихтиёрии давлатӣ, эҳтироми шаъну шараф, некӯаҳволӣ ва манфиатҳои ҳар як инсон асос ёфтааст. Конститутсия ин рамзи озодӣ ва мустақилияти давлати мо мебошад. Конститутсия ин кафолати озодӣ, шаъну шараф ва ҳуқуқи инсонии ҳар як шаҳрванди Ӯзбекистон аст. Бояд ҳаминро таъкид кард, ки Конститутсияи нави Ӯзбекистон боиси ривоҷи босуръати ватани ҷоноҷонамон – Ӯзбекистон мегардад.

Манижа РАҲМАТУЛЛОЕВА, донишҷӯи бахши тоҷикии факултаи педагогикаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав.
Ҷамшед АБДУЛЛОЕВ, устоди кафедраи таърих ва фалсафаи донишкада.



Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар минтақаи шаҳри Андиҷони Нав «Боғи зиёиён» барпо карда мешавад. Дар чорабиние, ки бахшида ба ин кори хайр баргузор гардид, ҳокими вилояти Андиҷон Ш. Абдураҳмонов, ректорони муассисаҳои таълими олии вилоят, профессор-омӯзгорон, намояндагони ҷамоат ва ҷавонон иштирок карданд. Ректорон ва профессор-омӯзгорон дар «Боғи зиёиён» ниҳолҳои аввалинро шинонданд. Ҷамоаи донишгоҳ низ ниҳолу дарахтони меванок ва манзаравӣ шинонданд.

Дар сурат: *дар «Боғи зиёиён».*

Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ӮзА).

МЕМОРАНДУМИ НАВБАТӢ БА ИМЗО РАСИД

Дар хонаи кинои «Ренессанс»-и Тошканд форуми миллӣ бахшида ба ҳамкории ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ӯзбекистон ва Озарбойҷон таҳти мавзӯи «Ҳуқуқи инсон ва ҳамкории муассисаҳои давлатӣ ва созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ дар таъмини манфиатҳои он» баргузор гардид.

Дар он намояндагон аз Палатаи қонунгузорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, фаъолони институти ҷамъияти шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии мамлакатамон ва беш аз 20 нафар намояндагони созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ҷумҳурии Озарбойҷон иштирок карданд.

Раиси Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ӯзбекистон Камолиддин Эшонхоҷаев ба форум ҳусни ифтитоҳ бахшида, таъкид намуд, ки муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву мадании Ӯзбекистону Озарбойҷон торафт мустаҳкам мегардад. Бори аввал чунин форум соли 2023 дар шаҳри Фузулии Озарбойҷон баргузор гардида, дар доираи он байни Оҷонсии дастгирии давлатии CFF Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ассотсиатсияи миллии CFF-и Ӯзбекистон ва Бунёди ҷамоатии дастгирии институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва CFF-и назди Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон меморандуми ҳамкорӣ ба имзо расида буд.

Дар ҷамъомади навбатӣ масъалаҳои мустаҳкамсозии баробарҳуқуқии гендерӣ ва ҳамкории CFF, инчунин идораҳои давлатӣ дар васеъ гардондани имконият ва ҳуқуқи занону духтарон, саъю кӯшиши муштараки CFF дар пешгирӣ ва ҳифзи кӯдакон аз зӯроварӣ, ҳамкории чунин ташкилотҳо ва идораҳои давлатӣ дар ҳифзи ҳуқуқи иқтисодиву иҷтимоии ҷавононро муҳокима карданд.

Дар форум директори Маркази миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳуқуқи инсон Акмал Саидов, роҳбари шуъбаи ӯзбекистонии созмони ғайридавлативу ғайриҳукуматии байналхалқии «Мулоқоти минтақавӣ» Петра Горюп, саравари шуъбаи Маркази «Стратегияи тараққиёт» Нилуфар Дониёрхуҷаева, раиси Ҷамъияти ногироҳои Ӯзбекистон Комил Абдуллоев, раиси Шӯрои марказии Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон Хайрулло Сатторов бо маърӯзаҳои худ иштирок карданд.

Дар ниҳояи форум дар байни як гурӯҳ ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ӯзбекистон ва Озарбойҷон Меморандуми навбатии ҳамкорӣ ба имзо расид.

Н. НОДИРОВА, хабарнигори «Овози тоҷик».

Рӯзномахонон хуб медонанд, ки мо ба қарибӣ ба ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ширин»-и ноҳияи Вобканди вилояти Бухоро сафар карда, таҳти унвони «Дар маҳаллаи этнотуризми «Ширин» мақолаамон чоп гардида буд. Баъди сафари мо 28 ноябри соли ҷорӣ дар ин ҷо ба муносибати мақоми расмӣ – «Деҳаи этнотуризм» гирифтани «Ширин» тантанаҳои идона ба амал омад.

ТАНТАНАҲОИ ИДОНА ДАР «ШИРИН»

Дар чорабинӣ ҷонишини ҳокими вилоят Б. Шаҳриёров, коршиноси Кумитаи сайёҳии ҷумҳурӣ Т. Мирзоев, сардори садорати кумита А. Максимов, ректори Донишгоҳи давлатии Бухоро О. Ҳамидов, ҳокими ноҳия Ф. Умаров ва дигарон иштирок карда, бобати боз ҳам такмил додани корҳо дар деҳа, инкишоф додани фаъолияти маркази «Ширин этнохаус», боло бардоштани маҳорати истеҳсолии маҳсулоти ҳунармандӣ, ҷараёни корҳо оиди занбӯрпарварӣ, осиёи сангӣ, тайёр кардани асбобу анҷомҳои кишоварзӣ, сайр бо аспу уштур ва ғайра изҳори ақида карданд.

Дар охир меҳмонон бо мақсади сабзу хуррамгардонии ҳудуд ниҳолҳо шинонданд.

ҲАФТАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ САЙЁҲИИ ЗИЁРАТӢ

Дар Бухоро бо ҳамкории кумитаҳои сайёҳӣ, дин ва ҳокимияти вилояти Бухоро таҳти унвони «Зиёрати табаррукӣ» ҳафтаи байналмилалии сайёҳии зиёратӣ ба амал омад.

Дар он зиёда аз 100 нафар иштироккунандагон, аз ҷумла, меҳмонони аъзо ба ташкилоти давлатҳои туркӣ, олимон ва профессорон, омӯзгорон, уламо ва талабаҳои соҳаи дин, роҳбаладтарҷумонҳо, туроператорон, роҳбарони хоҷагиҳои меҳмонхона, намояндагони ВАО-и маҳаллию хориҷӣ иштирок карданд.

Дар доираи ҳафтаина таҳти унвонҳои «Моҳияти зиёрати табаррук», «Салоҳияти сайёҳии зиёратӣ дар Ӯзбекистон», «Дунёи туркӣ ва зиёрати табаррук» ва ғайра семинарҳо, тақдимоти вебсайт, шиносоӣ бо ширкатҳои дар минтақа фаъолиятдошта, суҳбатҳои мизи мудаввар, мулоқот, фестивали ҳунармандон, ярмарка, кушодашавии кӯчаҳо дар ноҳияҳои Ҷондор, Вобканд ва Ғиждувон, деҳаҳои этнотуризм ва ғайра сурат гирифт.

А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

НАҚШИ ИНСТИТУТИ МАҲАЛЛА ДАР ҶОМЕА

Солҳои охир дар мамлакатамон ба сохтори маҳалла ва васеъ гардондани фаъолияти он эътибори махсус дода мешавад. Тавассути маҳалла ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мушкилоти аҳолӣ бартараф карда мешаванд.

Тӯли панҷ соли охир дар сохтор мавқеи раиси маҳалла, фаъоли бонувон, саравари ҷавонон, ёварони ҳоким ва нозири профилактика баланд бардошта шуда, ҳар яки онҳо вазифаҳои муайяни худро доранд.

Чунин андешаҳо дар рафти нишасти матбуотие, ки дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ бо ташаббуси Иттиҳоди маҳаллаҳо баргузор гардид, баён карда шуд.

Дар чорабинӣ роҳбари сарраёсати дастгоҳи иҷроияи иттиҳодия Элмурод Қаршиев таъкид кард, ки соли гузашта дар асоси супоришоти Президент ва ҳукумат ба «панҷгонаи маҳалла» ҳодимони соҳаи иҷтимоӣ ва нозири андоз ҷорӣ карда шуданд, ки имрӯз дар тамоми маҳаллаҳои кишвар онро «ҳафтгонаи маҳалла» ном мебаранд. Фармони Президент аз 21 декабри соли 2023 «Дар бораи чораҳои аз нав баланд бардоштани нақши институти маҳалла дар ҷамъият ва таъмини кори он ба сифати зинаи якум дар ҳаллу фасл намудани мушкилоти аҳолӣ» вазифаҳои муҳими ҳафтгонаи маҳалла, яъне раис, фаъоли бонувон, саравари ҷавонон, ёварони ҳоким, нозирони профилактика ва андоз муайян карда шуданд. Мувофиқи Қарори Президент «Дар бораи чораву тадбирҳои иловагӣ бобати такомул бахшидани сохтори идоракунӣ дар маҳаллаҳо ва ба роҳ мондани фаъолияти Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон» қабул шуд, ки тибқи он дар миқёси ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳо роҳбарон ва шуъбаву садоратҳои Иттиҳоди маҳаллаҳо таъсис ёфтанд. Ба зиммаи иттиҳодия вазифа гузошта шуд, ки аъзоёни «ҳафтгона»-ро дар маҳалла муттаҳид созад, мутобиқ ва роҳбарӣ кунад. Инчунин, дар худи маҳалла барои ҳалли мушкилоти аҳолӣ аз бекорӣ, чиноятқорӣ, низоъҳои оилавӣ, камбизоатӣ ва озод намудан аз муҳоҷирот низоми «ҳафтгонаи маҳалла» таъсис дода шудааст. Имрӯз бо мақсади баланд бардоштан ва иҷрои вазифаҳои ҳафтгонаи маҳаллаҳо корҳои омӯзишӣ ва фаҳмондадиҳӣ бурда мешаванд.

– Азбаски солҳои зиёд дар корҳои ҷамоатӣ кор мекунам, аҳамияти ислоҳотеро, ки дар сохтори маҳалла амалӣ мешаванд, хуб дарк мекунам. Мувофиқи қарор ва фармони Президент вазифа ва мақбуриятҳои ходимони маҳалла дақиқ нишон дода шудаанд, – гуфт сармутахассиси бахши робитаҳои байналхалқӣ Аюбхон Файзуллоев. – Воқеан сохтори «ҳафтгонаи маҳалла» имрӯз ба ҷамоаи пурқуввват табдил ёфтааст. Вазифаи мо дар ҳамкорӣ дастгирӣ ва ҳал намудани мушкилоти аҳолӣ мебошад.

Далер АЗИЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».



Хонандагони мактаби миёнаи рақами 17-уми маҳаллаи «Умр бунёдкори»-и ноҳияи Нишон то имрӯз дар биноҳои кӯҳна таълиму тарбия мегирифтанд. Ба муносибати 32-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ноҳия мактаби дорои 220 ҷой ба истифода супурда шуд. Бинои мактаби мазкур соли 2024 дар асоси барномаи инвеститсионӣ бо маблағи 2,5 миллиард сӯм бунёд гардида, бо ҷиҳозу аёниятҳои хониш таъмин карда шуд. Барои таълим гирифтани хонандагон шароити зарурӣ офарида шуд. Акнун хонандагон метавонанд дар хонаҳои барои таълим қулай, аз ҳама муҳимаш дар мавсими зимистон дар синфхонаҳои гарм таҳсил гиранд.

ДАР ТИРМИЗ ТИҶОРАТИ ХУРД РУШД МЕКУНАД

Таваҷҷуҳ ба тиҷорати хурд дар айни замон яке аз соҳати муҳим ва устувори сиёсати давлатамон маҳсуб меёбад. Чунки баҳри таъмини тараққиёти мамлакат ва фаровонии халқамон саҳми тиҷорати хурд рӯз то рӯз меафзояд.

Тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ барои рушди иқтисодиёт, таъмини шуғли аҳолӣ ва афзун намудани даромади шаҳрвандон омили муҳим мебошад. Бо мақсади ҳамаҷониба дастгирӣ намудани намояндагони ин соҳа солҳои охир аз тарафи роҳбари давлатамон зиёда аз панҷоҳ қарору фармон қабул гардид. Аз ҷумла, тартиби аз рӯйхати давлат гузаронидани фаъолияти соҳибкорӣ, гирифтани рухсатнома ва боз бисёр хидматҳои дигар сода гардонида шуд. Аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ ҳаҷми ба субъектҳои бизнеси хурд ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок ҳам ба таври бояду шояд афзуд.

Дар шаҳри Тирмиз ҳам дар натиҷаи дастгирӣ намудани соҳибкорӣ ва тиҷорати хурд як қатор корҳои мусбӣ амалӣ гардид. Масалан, танҳо дар 10 моҳи соли ҷорӣ 797 субъекти бизнеси хурд ташкил гардида, миқдори умумии он ба 3668 расонида шуд.

Дар ҳамин муддати соли сипаришуда ин нишондод 608-торо ташкил карда буд. Яъне рақамҳо нишон медиҳад, ки соли ҷорӣ ташкили корхонаҳои ҳуқуқӣ ба 189-то афзудааст.

Пас таҳлили рақамҳо нишон медиҳад, ки дар натиҷаи муҳайё намудани имконият ва шароит аз тарафи Президент ба субъектҳои тиҷорати хурд ҳам соҳаи иқтисодиёти кишвар рушд мекунад ва ҳам тарзи зисту зиндагонии мардум рӯз то рӯз беҳ мегардад.

Юсуф ТУРДИЕВ, роҳбари шуъбаи статистикаи шаҳри Тирмиз.

Дар нигористон



Асари бузургтарин «Суитаи Фарғона» ном дошта, аз 16 қисми якхела иборат аст. Дарозии умумии асар аз 22 метр зиёд аст.

«НИГОҲИ НАВ»

Дар толори намоишгоҳи марказии Академияи бадеии Ӯзбекистон намоиши шахсии Рассоми халқии Ӯзбекистон, академики Академияи бадеӣ, раиси Иттифоқи рассомони Ӯзбекистон Иброҳим Валихӯҷаев таҳти унвони «Нигоҳи нав» ташкил шудааст.

Дар намоишгоҳ 28 асари нави консептуалии ҳаҷмаш аз 3 то 6 метр намоиш дода мешаванд. Дар ин асарҳо рассом аз тасвирҳои суннатии одамон даст кашида, ба шаклҳои абстракт, матоъ ва рангҳо таваҷҷуҳ кардааст. Композитсияҳои ӯ эҳсосот ва ғояҳоро ифода намуда, тавассути рангҳои нарм ва гарм фазои ҳамоҳангӣ ва сулҳро эҷод мекунанд.

Асари марказии намоишгоҳ «Сюитаи Фарғона» аз 16 қисм иборат буда, дарозии умумии он беш аз 22 метрро ташкил медиҳад. Инчунин асарҳои «Ренессанс», «Гармонияи вайроншавӣ», «Тумор», «Садо», «Таваллуди Офтоб», «Уфқ», «Шаби маҳтобӣ», «Боғи куҳна», «Баҳри Мармар» ва амсоли инҳо низ пешниҳоди шавқмандон гардид.

«ҚАҲРАМОНҲОИ МАН»

Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд намоиши шахсии узви Академияи бадеии Ӯзбекистон, Рассоми халқии Ӯзбекистон Собир Раҳметов таҳти номи «Қаҳрамонҳои ман» кушода шуд.

Дар экспозитсия «Деҳаи ман», «Алпомиш», «Аҷдоди мо», «Қаҳрамонҳои ман», «Рӯзи офтобӣ» барин асарҳои рангтасвир, графика, портретҳои рассом ҷой доранд. Образҳои офаридаи рассом куҳансолон, ҷавонон, занону духтарон, деҳқонон, ҳайкалтарош, умуман, соҳиби касбҳои гуногунанд.

Рассом соли 1952 дар шаҳри Чимкенти Қазоқистон таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна дар омӯзишгоҳи рассомии ба номи П. Бенкови Тошканд, факултети рангтасвири дастгоҳии Институти рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва архитектураи ба номи И. Репини Ленинград (Санкт-Петербург) таълим гирифтааст.

Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.

Ба муносибати 610-умин солгарди зодрӯзи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ

РАМЗИЁТИ ҲУРУФИ АРАБИАСОСИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҶОМӢ

Агар рӯйи эътибор гардонем, хоҳем дид, ки дар осори назмиву насрии аҳли адаб, дар баробари калима, ибора ва ҷумла, воҳидҳои асосии фонетика – овоз, ҳиҷо ва зада низ мавқеи муҳим доранд.

Маълум аст, ки хати тоҷикии арабиасос, ки тӯли зиёда аз ҳазор сол барои тасвири афкори мардуми форсизабон хидмат намудааст, дар баробари графема будан, дар ифодаи баъзе маъноҳои маҷозӣ корбаст мешавад. Ҳуруфоти мазкур дар осори шоирони адабиёти классикии форсу тоҷик барои ифодаи рақамҳо низ омадааст, ки онро ҳисоби абҷад номанд.

Аз ҷумла, таърихи таълифи девони аввалини худро Абдураҳмони Ҷомӣ вобаста ба ҳисоби абҷад чунин нишон додааст.

Бар дил гуфтам, к-эй ба сафо гашта самар,
Ҳастӣ садафе пур аз гуҳар чист хабар?
Аз гавҳари соли назми ин икди дурар.
Бар рӯйи садаф ниҳод як дона гуҳар.

Агар ба рӯйи ҳарфи «сод»-и вожаи садаф як дона гуҳар, яъне нуқта гузорем, ҳарфи «сод» ба «зод» табдил меёбад ва ҳосили он (зод 800 + дол 4 + фе 80) ба 884 мерасад, ки ба соли 1479 милодӣ баробар аст ва таърихи таълифи девони шоирро нишон медиҳад.

Мо ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомиро чун манбаъ истифода намуда, дар асоси луғати ҷомеъ (конкорданс)-и ғазалиёт корбасти рамзиёти ҳуруфи арабиасосро мавриди таҳлил қарор додем. Аз ҳуруфи арабиасос на ҳамаи ҳарфҳо дар каломи мавзун истифода шудаанд, шоири нуктасанҷ дар корбурди рамзиёт ба нозукии сухан ва мавқеи он хеле дақиқ қаробат ҷуста, таносуби суханро хеле моҳирона ба кор гирифтааст. Аз ҷумла, дар ғазалиёти Ҷомӣ ҳарфи алиф 16 маротиба, бе 2 маротиба, ҷим 2 маротиба, ҳе 2 маротиба, дол 11 маротиба, син 1 маротиба, шин 1 маротиба, сод 2 маротиба, айн 6 маротиба, қоф 8 маротиба, коф 2 маротиба, мим 12 маротиба, лом 2 маротиба, нун 4 маротиба, ломалиф 3 маротиба истифода шудааст. Дар ғазалиёти шоир ҳарфи алиф серистеъмол буда, тобишҳои маъноии онро дар ҳолатҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

Чун алиф ростии қадди ту бинад чӣ аҷаб,
К-аз паи хидмати ту долсифат кӯз шавад.

Шоир дар байт ҳарфи алифро бо ҳарфи дигар шаклан ба таври тазод истифода бурдааст. Яъне алиф – рост ва дол – хамида, дар ҳуруфи арабиасос шаклан муқобили ҳамдигар будани ин аломатҳо аз назари шоир дур намондааст. Аммо шоир бо муболиға ростии алифро дар назди қомати маъшуқа ҳеч шуморида, қайд намудааст, ки чун ростии қадду қомати туро дид, дар ҷустуҷӯи он, барои васли он дар хидмат шикастақомат шуд.

Дар ҷойи дигар шоир вобаста ба таносуби маъно алифу долро дар як байт корбаст намуда, чун қадду зулфи печони маъшуқ ифода кардааст, ки ду маънӣ мавриди назар қарор гирифтааст. Яъне «дол» қомати хамида ва «дол» зулфи хамида, печон:

Ҳар долу алиф, ки нақш бастам,
Зулфу қаддат эътиқод кардам.

Ҳамнишинии алиф бо аломати сокин:

З-он сон, ки бувад сукун алифро,
Дар дил қади ту сукун гирифтаст.

Шоир қоидаву қонуни алифбо ва корбасти аломати сукунро иҷмолан баён карда, баъдан маъноҷӯӣ намудааст. Мувофиқи корбурди алифбои арабӣ калимае, ки бо аломати сокин омадааст, ҳарфи алиф (ё садоноки дилхоҳ) ояд, сокин аз байн меравад. Яъне шоир нигоштааст, ки дар калима ҷойи аломати сукунро алиф гирад, дар қалби ман қади дилрабои ту сукун гирифтааст. Забоншиноси тоҷик М. Саломов дар мақолаи «Тобишҳои маъноии баъзе ҳарфҳои хатти арабии тоҷикӣ дар осори шоирони ғазалсарои асрҳои XII-XIV» айни ҳамин мазмунро дар осори Камол ба мушоҳида гирифтааст, ки дар ин ҷода пайрави устодон будани Ҷомиро нишон медиҳад:

Чу ҳамнишини қадат шуд дил,
аз изтироб монд,
Зи дил «сукун» равад ар, бо «алиф» ҳамнишин шавад.

Ё ки:

Дар вафои ту рост чун алифем,
Бар вафоят, ки рост мегӯем.

Дар байти мазкур шоир маънои дигарро дар сифати ҳарфи алиф кушодааст, яъне «ростиву вафо»-ро. Ҷомӣ ростии шакли алифро ба садоқат, сидқу вафо, аҳду паймони ошиқ дар роҳи вафодорӣ монанд кардааст, ки манбаи садоқат ва вафодорист.

Истода ба сар аз оҳи дамодам дудам,
Ман ҳамоно шуда аз оҳ алифи мамдудам.

«Алифи мамдуд» дар хати арабӣ алифи маддадор аст, ки «о» хонда мешавад, аммо дар забони тоҷикӣ «мамдуд» маънои кашидашуда, дарозро дорад. Агар ин ҷо вобаста ба шакли алиф маъноҷӯӣ намоем «алифи мамдуд» шахси дардманду ғамдидаест, ки харобу фақир ва лоғару рост чун алиф шудааст. Аммо Ҷомӣ аз калимаи «алифи мамдуд» борикбинона маъноҷӯӣ кардааст ва инсони азхудгузашта, ба тавба рӯ ниҳода ва ба дарди ишқ гирифторро, ба алифи азхудгузашта ва ба «о» табдилёфта, ки дар оғози вожаи «оҳ» корбаст мешавад, шабоҳат додааст.

Ҳарфи дол дар ғазалиёти Ҷомӣ 11 маротиба корбаст шуда, чи тавре ки мушоҳида намудем, чун қомати шикаста ва зулфи хамида истифода шудааст. Ҳамчунин дар баробари ҳарфи дол шоир баъзан ҳарфи лом ва ҷимро низ чун зулфу турраи маъшуқ корбаст намудааст, ки ин шабоҳати хосро дар боло мушоҳида намудем.

Ҳарфи «қоф» низ дар нигоштаҳои шоир серистеъмол буда, ба маънои сар то сари дунё, кӯҳи асотирие, ки басо баланд аст, номи сураи Қуръон – «Сураи Қоф» тазаккур гаштааст:

Муҳити даври уфуқ гарчи қоф то қоф аст,
Бувад чун доираи мим бар дили мо танг.

Пажӯҳиши болоӣ далели он аст, ки баъзе ҳарфҳои хати арабиасос дар баробари чун графема корбурд шудан, вобаста ба шакли зоҳирӣ ва мавқеашон дар таркиби калимаҳо барои ифодаи маъноҳои ҷудогона хидмат намудаанд, ки ин аз як ҷониб хусусияти хос доштани шакли зоҳирии ҳарфҳои ин хатро нишон диҳад, аз ҷониби дигар далели он аст, ки то чӣ андоза шоирон тавонистаанд, бо истифода аз ҳарфҳои ин хат мафҳумҳои мавриди назар, ашё ва ҳодисаҳоро тавассути онҳо ба риштаи тасвир кашида, ҷолибияти хосро ба хонанда пешниҳод кунанд.

Баррасӣ ва омӯзиши ин нозукияти сухан дар ғазалиёти Ҷомӣ ба бардоште мерасонад, ки шоир қобилияти баланди сухангустарӣ дошта, чун Мавлавӣ ва Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ суханро бо ҷомаи нав – орои нав намоиш додааст, ки бо таъбири худаш «шоир нест Ҷомӣ, соҳир аст»:

Он парирухро ба афсуни сухан тасхир кард,
З-он сабаб гӯянд шоир нест Ҷомӣ, соҳир аст.

Сабоҳат МАҶИДОВА,
доктори илмҳои фалсафа доир ба филология, дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд.

Қайдҳои сафар

ГАРМИИ ДАСТИ ДӮСТ АГАР ХОҲАМ...

«Дӯстии байни тоҷику ӯзбек ҳазорсолаҳо побарҷост ва имрӯз вазифаи мо аз он иборат аст, ки барои ба насли оянда намуна гардидани муносибатҳои ҳақиқии дӯстонаамон тамоми имкониятҳоро истифода намоем».

Шавкат МИРЗИЁЕВ.

Кӯҳистониён табиатан эҷодкор, меҳнаткаш ва боматонат мешаванд, дар меҳмондорию меҳрубонию меҳру оқибат низ аз дигарон тафовут доранд.



Ноҳияи Сӯх яке аз қадимитарин ноҳияҳои тоҷикнишини вилояти Фарғона буда, барои Ӯзбекистон экскслав ба шумор меравад.

Сокинони ноҳия бо чорвопарварӣ, боғдорӣ ва соҳибкорӣ машғуланд.

Бо ташаббуси Маркази миллӣ-фарҳангии ҷумҳурӣ гурӯҳи намояндагон аз марказҳои миллӣ-мадании вилоятҳо, шоиру нависандагон, омӯзгорони фаъол ва журналистон ба ин ҷо сафар карданд. Мақсади асосии гирдиҳамоии дурӯза пеш аз ҳама тараннуми дӯстиву бародарӣ, таҳкими рангин мерафт. Солҳо мегузаранду ин тифл шахси ватандӯсту инсонпарвар хоҳад шуд. Ба қадри ин Ватан ва Замин хоҳад расид. Модаре, ки ӯро бо заҳматҳои зиёд ва меҳр парварид, комёб хоҳад гашт...

Боз ба замини рӯзирасон баҳори гулрез хоҳад омад. Замин аз мақдамаш хушнуд хоҳад шуд. Рӯйи тару тозаи модарро акнун нақшҳои хонои зиндагӣ – ожангҳо пахш карда, ба муйҳои замоне қатрониаш низ сафедӣ дамидаанд. Дидагонаш камбинанд, зиёи пешин гум кардаанд. Лек он чеҳраи пиронааш таҷассумгари меҳри беандоза ва муҳаббати бепоён аст!

Фарзанди ӯ кайҳост, ки ҳимоятгари Ватан шуда! Қавиҳайкал ва нерӯманд, аз сари меҳр модарро ба оғӯш гирифт ва дар ҳадди эҳтиёт рӯйи замин нишонд. Ин лаҳза ду модар дар канори ҳаманд: яке зани фариштахисол, дигаре Замини саросар сабз!

Фарзанд аз шодӣ ва ифтихор лаб кушод:

– Модари ман – Худои ман! - Вай достони модари хешро бӯса кард.

– Дар оғӯши биҳиштосои ту зиндагӣ омӯхтам, меҳр бар Ватан андӯхтам. Вуҷуди ту нахустватани ман аст! Илоҳо поянда бошӣ то ҷовидонаҳо, модари ҷон!

Маҳзура ХАЛИЛОВА,
ноҳияи САРИОСИЁ вилояти СУРХОНДАРЁ.

Ба муносибати 610-умин солгарди зодрӯзи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ

Мо пештар аз хусуси дар Ғиждувон ташкил шудани осорхонаи зери осмони кушод, яъне эҳёи «Қӯрғони Ғиждувон» хабар дода будем. Ду-се сол муқаддам бобати дар пойгоҳи ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои «Қӯрғон» ва «Чорсӯ»-и ноҳияи Ғиждувон таъсис додани маҳаллаи сайёҳӣ қарори дахлдор қабул шуда буд. Мувофиқи он дар асоси анъанаҳои миллӣ лоиҳа таҳия шуд ва ҷараёни корҳо оғоз ёфтааст. Мақсад барқарор кардани ҳолати аслии иншооти мазкури мероси таърихӣ, моддӣ ва мадании маҳаллаҳои қадимӣ, ҳамчунин афзун гардондани салоҳияти сайёҳии ҳудуд аст.

МАҲАЛЛАИ САЙЁҲӢ ДАР ҒИЖДУВОН



Дар 18 гектар майдон топосурати «Қӯрғон» омода гардид ва аз ҷониби «OJ Progect bulding» лоиҳаи аввалини «Қалъаи Ғиждувон» тайёр карда шуд. Таҳти раҳнамоии коршиносони байналхалқӣ ва Институти байналмилалии тадқиқоти Осиёи Марказии Ӯзбекистон масҷидҳои «Бозори қаймоқ», «Болои қассобон» «Бобораҳимбой», ки ба асри XIX дахл доранд ва «Ҳаммоми куҳнаи сангин», ки ба асри XVI мутааллиқ аст, аз нав эҳё шуданд. Бо мақсади барои меҳмонон фароҳам овардани шароити мувофиқ дар назди масҷиди «Бозори қаймоқ» бо услуби миллӣ ду айвон сохта шуд. Бобати ба истифода супоридани «Ҳаммоми куҳнаи сангин» (асри XVI) чораҳо андешида мешаванд.

Маълум аст, ки Ғиждувон аз қадимулайём диёри ҳунармандон ва тоҷирон аст. Имрӯз низ дар маҳаллаи «Қӯрғон»-и маркази ноҳия бештар аз сад нафар ҳунармандон: нонвойҳо, ҳалвогарону қассобон, гаҳворасозон ва ғайра буду бош доранд. Бонувони ин ҳудуд аҳлу тифоқанд. Онҳо баъзан ба як хонадон ҷамъ омада, кореро ба сомон мерасонанд. Дар ин ҷараён сурудхонӣ, ривоятгӯӣ мекунанд.

Ғайр аз иншооти қадимие, ки номашон зикр шуд, дар ин ҷо беш аз дах иморати қадимӣ, қариб бист меҳмонхонаи оилавӣ, зиёда аз дах оилаи ҳунармандон ба қабули зоирон ва меҳмонон омода ҳастанд.

Дар кӯчаҳои Косибон ва Арабони ин маҳалла ташкил кардани дуконҳои ҳунармандӣ, майдонҳои алоҳида барои мусаввирон, ҷамоаҳои фолклорӣ низ ба нақша гирифта шудааст.

Чанде пеш раиси Кумитаи сайёҳии ҷумҳурӣ У.Шодиев, ҷонишини ҳокими вилоят Б.Шаҳриёров, сардори садорати сайёҳии вилоят С.Бобокалонов, ҳокими ноҳияи Ғиждувон Ш. Ашуров ва намояндагони ҷамоатӣ ба маҳаллаи «Қӯрғон» ташриф оварда, бо инфрасохтори ҳудуд ошно шуданд. Онҳо дар чорабинии маҳоми «Деҳаи этнотуризм»-ро гирифтани маҳалла иштирок ва ғиждувониёнро бо ин дастовард муборакбод карданд.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

МОДАРАМ-ВАТАНАМ...

Ватан. Ин сарзаминест, ки дар домани сабзи он чашм ба олами ҳастӣ кушодаем. Чашм кушодаву худро дар олами биҳишт ёфтаем. Марғзори бепаҳноияш нарму аҷаб рӯҳафзост, бо гулҳои дар бараш кӯрпаи пахталаганди модарро ба ёд меорад. Осмони софу беғубораш чӣ? Мисли дили мубаррои модар ва чашмасорони кӯҳистон аст.

Гулгаштҳои Ватан назаррабоянд ва аз атри машомгирашон рӯҳи кас меболад. Гулҳои шукуфон аз насими атрогин ба алвонҷ меоянд ва суруди ҳаётро ба гӯши мо ҳиҷо мекунанд. Ин манзараҳо шавқи зиндагиро дучанд меафзоянд. Кас аз дидanашон ба завқ меояд. Хоса арғушту алвончи гулҳоро дида, арғунчакҳои модар ба ёдам меоянд, ки барои тифлаконаш омода мекард. Вай ресмони дарозеро байни ду дарахт баста, миёни ду тор кӯрпачаро гузоштаву барои тифли худ ҷойи хоб омода мекард. Кӯдакро ба он гузошта оҳиста такон медод. Кӯдакро аз ин алвончи роҳатбахш хоб мебурд. Ӯ ба ҷигарбанди ягонааш «Алла» гуфта, дар дили кӯчаки ӯ меҳри Ватан ва хештаншиносӣ барин хислатҳои ҳамидаро ҷойгир менамуд. Охир, «Алла»-и ӯ нахустин сурудест дар бораи Ватан!

Тифли ширинам калон шав,
Далеру қаҳрамон шав...

Садои марғуладори модар атрофу акнофро пур мекард. Зимни хондани ин суруди дилангез вай ба хаёлоти рангин мерафт. Солҳо мегузаранду ин тифл шахси ватандӯсту инсонпарвар хоҳад шуд. Ба қадри ин Ватан ва Замин хоҳад расид. Модаре, ки ӯро бо заҳматҳои зиёд ва меҳр парварид, комёб хоҳад гашт...

Боз ба замини рӯзирасон баҳори гулрез хоҳад омад. Замин аз мақдамаш хушнуд хоҳад шуд. Рӯйи тару тозаи модарро акнун нақшҳои хонои зиндагӣ – ожангҳо пахш карда, ба муйҳои замоне қатрониаш низ сафедӣ дамидаанд. Дидагонаш камбинанд, зиёи пешин гум кардаанд. Лек он чеҳраи пиронааш таҷассумгари меҳри беандоза ва муҳаббати бепоён аст!

Фарзанди ӯ кайҳост, ки ҳимоятгари Ватан шуда! Қавиҳайкал ва нерӯманд, аз сари меҳр модарро ба оғӯш гирифт ва дар ҳадди эҳтиёт рӯйи замин нишонд. Ин лаҳза ду модар дар канори ҳаманд: яке зани фариштахисол, дигаре Замини саросар сабз!

Фарзанд аз шодӣ ва ифтихор лаб кушод:

– Модари ман – Худои ман! - Вай достони модари хешро бӯса кард.

– Дар оғӯши биҳиштосои ту зиндагӣ омӯхтам, меҳр бар Ватан андӯхтам. Вуҷуди ту нахустватани ман аст! Илоҳо поянда бошӣ то ҷовидонаҳо, модари ҷон!

Маҳзура ХАЛИЛОВА,
ноҳияи САРИОСИЁ вилояти СУРХОНДАРЁ.

Аз қадимулайём аҷдодони мо ба тарбияи оилавӣ эътибори ҷиддӣ медоданд, барои барпо намудани оилаи нав ва мустаҳкаму солим тамоми кӯшишу ғайрати худро сарф мекарданд.

Оила чист ва аз киҳо иборат аст? Дар Конститутсияи Ӯзбекистон дар боби 14, моддаи 63 оварда шудааст: «Оила як қисми ҷудонашавандаи ҷамъият буда, ҳуқуқи он аз тарафи давлат ва ҷамъият ҳимоя карда мешавад».

ОИЛА МАНБАИ АСОСИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ

«Никоҳ» чист? Никоҳ аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънои якҷояшавӣ, наздикшавӣ ва вобастагиро дорад. Никоҳ асоси оиларо ташкил намуда, бо розигӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо асоснок карда мешавад.

Оила як ҷамоаи хурди иҷтимоӣ аст, ки дорои қонунҳои ба худ мувофиқ мебошад. Оилаҳо дар якҷоягӣ ҷамъият, давлат ва мамлакатро ташкил мекунанд.

Дар Конститутсияи Ӯзбекистон мавқеи иҷтимоии оила, масъулияти падару модар дар назди фарзанд ва масъулияти фарзанд дар назди падару модар аниқ ва равшан нишон дода шудааст.

Ба оила ва мустаҳкамии он, ба саломатии кӯдакон ва модарон аз тарафи раҳбарони давлат эътибори ҷиддӣ дода шуда истодааст, ки мо инро аз солҳои аввали мустақилият то кунун бараъло эҳсос мекунем. Чунончи, аз номгузории солҳо маълум мегардад, эътибори ҳукумат ва Президент ба масъалаи оила то ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Соли 1998 – «Соли оила», соли 1999 – «Соли занон», соли 2000 – «Соли авлоди баркамол», соли 2001 – «Соли модар ва кӯдак», соли 2012 – «Соли оилаи мустаҳкам», соли 2013 – «Соли ҳаёти обод» ва соли 2014 – «Соли кӯдаки солим» эълон карда шуда, оиди мустаҳкам намудани оила, саломатии занон, сиҳатмандии авлоди баркамол ва саломатии модарону кӯдакон дастурҳои давлатӣ қабул карда шуданд. Муносибат аз тарафи давлат ва ҳукуматамон оид ба мустаҳкам намудани оила, муҳофизати иҷтимоӣ, дар оила ба тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ додан, васеъ намудани меъёрҳои ҳуқуқии оила ва дигар масъалаҳо чорабиниҳои амалӣ андешида шуданд, ки ин чорабиниҳо дар мамлакат барои барқарорӣ, осоиштагӣ, бехатарӣ, дӯстии байни миллатҳо, баробарҳуқуқӣ, фаровонии ҷамъият, тарбияи инсони комил, озодии динӣ, эътибор ба илму маърифат, ҳимоя ва таъмин намудани озодӣ ва манфиати шаҳрвандон хидмат менамояд.

Бузургон фармудаанд, ки фарзанд дарахти умри инсон аст. Маълум аст, ки дарахт дар ибтидо навниҳол буда, баъдан бо талошу заҳмати боғбон бузург мешавад ва пурбор мегардад.

Ҳамчунин фарзанд ҳам дар ибтидо тифл аст ва баъд навҷавону бузургу солор мешавад.

Дарахт дар кадом вақт метавонад пурсамар шавад ва меваи ширин диҳад? Дар он вақте ки боғбони донишманду дилсӯз дошта бошад ва он боғбон сараввал барои дарахт замини хушхоқу ҳосилхезро муҳайё намояд. Мову шумо хуб медонем, ки дар бӯстон чӣ мерӯяду дар биёбон чӣ? Он чӣ, ки дар бӯстон мерӯяд, ҳама гулу райҳон аст ва ҳар чӣ дар биёбон мерӯяд, хасу хор аст.

Замини шӯра сунбул барнаёрад,
Дар ӯ тухму амал зоеъ магардон.

Бамаврид аст, ки ақидаи донишманди оламшумул Ҳербертро барои тақвияти ин гуфтаҳо биёварем: «Модар тамоми башариятро тарбият мекунад. Модари хуб аз сад устоду омӯзгор бартарӣ дорад». Комилан дуруст аст. Модар дар симои фарзандаш тамоми насли башариятро тарбия мекунад. Нахуст устоди фарзанд модар аст ва сирати модар дар фарзандонаш такрор меёбад.

Фарзанд ҳар он чи дорад,
з-оғуши модар аст,
Гар зишт бошаду ва агар
некахтар аст.
Хӯе, ки дар нахуст касеро ба сар нишаст,
Ҳамвора ӯро то ба дами марг бар сар аст.

Модари хушахлоқ барои фарзанд дунёи маънавӣ аст. Ин мазмуни онро дорад, ки ҳамеша барои бегазанду беолоиш тарбия ёфтани фарзандон падару модаронро зарур аст, ки фарзандонашонро ба устоди хушахлоқ бидиҳанд ва бо кӣ дӯст будани онҳоро назорат кунанд ва нагузоранд, ки бо инсонҳои бадкору бадахлоқ дӯстӣ кунанд.

Саъдии Шерозӣ фармудааст:

Нигаҳ дор з-омӯзгори бадаш,
Ки бадбахту бераҳ кунад чун худаш.

Бузургон гуфтаанд: Бидон, эй азизи ман, ки Аллоҳ туро агар писар ё духтаре диҳад, инро неъмати Худо барои худ дон, барои инсон аз ин бузургтар неъмате нест ва аввал номи хуш бар вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққои падарон яке ин аст. Дувум, ин ки нону хӯроки модараш ва кӯдакро аз пулу моли меҳнати ҳалол таъмин кун. Агар писар бошад, чун бузургтар шавад, ба устодаш бидеҳ, то илм биомӯзад ва салоҳдорию аспсаворӣ ва шинавариро омӯзонад. Агар духтар бошад, пеши модар бошад, то ҳунари дӯзандагӣ, пазандагӣ ёд диҳад, то калон шавад, баъд ба мактаб диҳад.

Аз падари муҳаддиси бузург Имом ал-Бухорӣ – Ҳазрати Исмоил мепурсанд, ки «Чӣ тавр ин писари донишмандро тарбия намуда, ба воя расонидед?» Кӯтоҳакак ҷавоб медиҳад: «Ман ба хонаам ҳеҷ чизи шубҳанокро наовардаам ва ба фарзандҳоям нахӯрондаам».

Дар баробари илму ҳунар бузургтарин мерос барои падар фарзанди боахлоқ аст. Фарзанди боахлоқро падару модар ва устод бояд тарбият кунанд. Дар тарбияи фарзанд сахтгир ва меҳрубон бош. Фарзандро ба дил дӯст дор, на бар забон. Саъдии Шерозӣ мегӯяд:

Ҷу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,
Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.
Хирадмандӣ, парҳезгорӣ бидор,
Агар дӯст дорӣ, ба нозаш мадор...

Дар Конститутсияи Ӯзбекистон (боби 14, моддаи 64) таъкид карда шудааст: «Падару модарон вазифадоранд, ки фарзандони худро то ба воя расидан тарбия кунанд ва хӯронда пӯшонанд».

Аллома Намир ибни Лайс мегӯяд: «Солеҳ ва қобил будани фарзанд ин бо тавфиқи Аллоҳ аст, аммо ба онҳо таълим додан ва илму адабро омӯзонидан ин кори падару модар аст».

Абдураҳмони Ҷомӣ мегӯяд:

Ба айвони дабистон сабт дидам
инчунин байте,
Падар оқил набошад тифл
бадомӯз мегардад.

Падару модарон чи хеле ки ба тарбияи фарзандон вазифадоранд, фарзандон низ ба тарбия ва нигоҳубини падару модар вазифа ва масъулият доранд. Дар Конститутсия (боби 14, моддаи 66) оварда шудааст: «Фарзандон вақте ки ба воя расидаанд ва қобилияти меҳнат карданро доранд, мачбуранд ба падару модар ғамхорӣ кунанд».

Сурайё САМИЕВА,
устоди Донишгоҳи давлатии Тирмиз.
Адиба АКРАМОВА,
муаллимаи мактаби рақами 38-уми ноҳияи Сариосиё.

Ба ҷойи табрик

«ТУРО ДАР БӮСТОНИ УМР ЧУН МУРҒИ САҲАР ДИДАМ...»



Дарбанд яке аз деҳаҳои кӯҳии зебоманзари бостонии воҳаи Сурхон ба ҳисоб рафта, суханварону қаламкашони зиёдеро ба воя расонидааст. Ҷамшед Ҷумъақулов мутахаллис ба Ҷамшеди Панҷизод (Дарбандӣ ё Чағонӣ) яке аз фарзандони ин диёр буда, таърихи таваллуди ӯ ба санаи 7 декабри соли 1974 рост меояд. Падару модараш яке аз зиёиёни ҳамин деҳа буданд. Падараш, ки Панҷӣ ном дошт, аз он ки саховатманд буд, мардуми деҳа ӯро «Панҷӣ йигит», мегуфтанд. Модараш, момои Мунаввар, ки модари меҳрубони 13 нафар фарзанд ва бибиҷони давлатманди наберагони зиёд буд, ба сабаби яке аз занони оқилаву ҳунарманди деҳа буданаш, мардум «Мунаввар сӯфӣ» мегуфтанд.

Даврони таҳсили ибтидоии Ҷамшед дар мактаби рақами 11-уми ба номи Мирзо Турсунзодаи зодгоҳаш соли 1992 ба поён мерасад. Ӯ яке аз хонандагони фаъоли ҳамин мактаб буда, дар байни устодону ҳамсинфон ва ҳаммактабиёнаш обрӯву эътибори хоса дошт. Майлу рағбати ӯ ба китобхониву қаламронӣ ҳанӯз дар ҳамин давра пайдо шудааст. Устодон маҳорати эҷодкориашро пай бурда, ӯро ба озмунҳои фаннӣ пешбарӣ менамуданд. Чун ӯ китоб ва китобхониро хеле дӯст медошт, устодон шароит фароҳам оварда буданд, то ки ӯ вақти бештари худро дар китобхонаи мактаб бо мутолиа гузаронад. Ҷамшед дар баробари мутолиаи китоб, китобхонаи мактабро ороиш медод. Шеъру мақолаҳо навишта дар рӯзномаҳои даврӣ чоп мекунонд. Дар баробари ин бо маслиҳати устодонаш ҷавонони шавқмандро ҷамъ намуда, рӯзномаи девории мактабро бо номи «Шуълаи умед» низ ташкил карда буд. Ӯ алифбои ниёгонро низ худомӯзӣ намуда, бо хати зебои форсӣ оид ба ҷашни «Наврӯзи оламафрӯз» чизҳои баёнӣ сохта, дар мусобиқаҳои байни се мактаби деҳа ҷойҳои намоёнро ишғол мекард. Истеъдоду иқтидори ӯро устодон пай бурда, таъкид мекарданд, ки ӯ ояндаи дурахшон дорад ва минбаъд таҳсилашро дар мактаби олӣ идома диҳад. Ҳамин тавр ӯ соли 1992 мактаби миёнаро хатм намуда, ба шуъбаи тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тирмиз ҳуҷҷат месупорад. Ӯ дар донишгоҳ 5 сол таҳсил намуда, соҳиби иззату эҳтироми устодону ҳамсабақони худ мешавад. Гарчи ин давр яке аз даврони вазнини ҳаёту зиндагонии вай ба ҳисоб мерафт, вале аз хондану навиштан ҳеҷ гоҳ дур намешуд ва дар баробари ин пас аз фориғи дарс барои таъминоти эҳтиёҷи моддияш кор мекард, аммо вазниниҳои зиндагӣ ҳам таҳсили илм кардан ва ҳам бо фаъолияти меҳнатӣ машғул будан иродаи қатъии ӯро суст намекард, балки завқи эҷод варо тавоноӣ мебахшид. Аз ҳамин хотир бо таклифи яке аз фидоиёни шаҳри Тирмиз, раиси Маркази миллию мадании тоҷикони Сурхондарё Абдусаттор Ҳасанов, ки дар мактаби рақами 10-уми Тирмизшаҳр синфи тоҷикӣ ташкил карда буд, аз сабаби норасоии мутахассиси тоҷик ҳанӯз донишҷӯйи ҷавон бошад ҳам, Ҷамшед дар он ҷо ба ҳайси муаллим фаъолият оғоз кард. Дар ин давр ҳам пайваста шеъру тарона ва мақолаташ дар рӯзномаҳо чоп мешуд. Ҳамзамон дар озмунҳои фаннӣ иштирок мекард. Инчунин, мисли пешина дар ҷашнҳои «Наврӯзи оламафрӯз» бо хати зебои форсӣ чизҳои баёнӣ сохта, устодону ҳамсабақонашро хушнуд менамуд. Ниҳоят соли 1997 донишгоҳро бо дипломи сурх хатм намуд. Баъд аз он дар шаҳр монда, оила барпо кард ва пас аз он хидмати ҳарбиро низ адо намуд.

Фаъолияти меҳнатиаш баъди адои хидмати ҳарбӣ аз соли 2001 дар музейи бостоншиносии шаҳри Тирмиз ба ҳайси ходими хурди илмӣ оғоз гардид. Ӯ дар ин маскан бо олимон якҷоя кор бурда, дар ҷараёни кофтуковҳои бостонӣ иштирок мекард. Пас аз чанд муддати корӣ тасмим гирифт, ки бо дастхатҳои қадима кор кунад. Дар ин ҷараён ӯ зиёда аз 100 китоби дар захираи музей маҳфузхобидаро муайян кард. Дар ҳамин маврид рӯзе ба як китоби Абулҳасани Ҳучвирӣ – «Кашф-ул-маҳҷуб» рӯбарӯ мешавад ва ба омӯхтани он мепардозад. Ӯ қариб 5 сол ин китобро таҳқиқ мекунад ва муҳимтарин маълумотҳоро дар бораи тирмизиён аз ин китоб дарёфт, дар бораи онҳо мақолаҳо таълиф менамояд ва дар рӯзномаҳо чоп мекунад. Инчунин ӯ дар ин хусус дар радиову телевизиони вилоят низ баромадҳо кардааст. Хидматҳои фидокоронаи ӯро роҳбари музей, роҳбари маданияти вилоят ва вазири маданият ба инобат гирифта, бо ташаккурномаҳо қадрдонӣ менамоянд ва барои ӯ дар музей басти кории нав бо номи «мудири шуъбаи дастхатҳо» таъсис медиҳанд.

Ҷамшед Ҷумъақулов соли 2007 ба сабаби дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз гурӯҳи тоҷикӣ кушода шуданаш аз музей ба донишгоҳ ба кор мегузарад. Ҳоло дар ин даргоҳ фаъолият дорад. Ӯ ба донишҷӯён аз фанҳои «Таърихи забони тоҷикӣ», «Таърихи адабиёти тоҷик», «Ҷараёни адабӣ», «Тасаввуф», «Нақди адабӣ», «Назарияи забон», «Назарияи адабиёт», «Услубшиносӣ», «Маданияти нутқ» ва «Забони форсӣ» дарс медиҳад.

Азбаски Ҷумъақулов таҷрибаи бойи зиндагиву таҳсилотро аз сар гузаронидааст, то имрӯз садҳо нафар шогирдонаш аз ӯ дарси ҳаёт ва илм гирифта, ба натиҷаҳои баланд сазовор гардидаанд. Дар баробари шоир, олим ва омӯзгори соҳибтаҷриба будан, хаттоти моҳир ҳам ҳаст, ки навиштаву намунаҳои хаттотиаш манзури шогирдон ва дӯстдорони ин ҳунари нотакрор мегардад. Ӯ бо ташаббусу хоҳиши шогирдонаш дар шуъбаи ду маҳфили илмӣ ва адабӣ бо номҳои «Машъали илм» ва «Чашмаи хуршед» ташкил намуда, ба ин маҳфилҳо раҳбарӣ мекунад. Худаш яке аз аъзоёни фаъоли Маркази мадании тоҷикони Сурхондарё низ буда, дар ҷашнвораҳои дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек фаъол иштирок дорад.

Солҳои зиёд, хусусан, дар соҳаи Тирмизишиносӣ тадқиқотҳои илмӣ бурда, соли 2023 дар Донишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Мунчиқи Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва нимаи аввали асри XI» рисолаи докториашро ҳимоя кардааст. Инчунин ӯ дар байни солҳои 2020-2023 бори дигар кори докториаш ба шаҳри Душанбе сафарҳо карда, бо бисёр олимону шоирони номдори Тоҷикистон шиносоӣ пайдо мекунад. Азбаски ӯ як муаллими бисёр ҷам китобдӯсту устодпарвар аст, ба меҳру муҳаббати устодони тоҷикистонӣ мушарраф гардидааст.

Устод Ҷамшед Ҷумъақулов то имрӯз зиёда аз 100 мақолаи илмиву эҷодӣ таълиф кардааст. Маҳсули қаламаш дар китобҳои дастаҷамъиву конференсияҳои илмӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳои бонуфузи маҳалливу хориҷӣ ба чоп расидааст. Бидуни ин, ӯ муаллифи як рисолаи илмӣ бо номи «Шеърият, тақдир, таърих», ду монография: «Мунчиқи Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва аввали асри XI» ва «Ҳаёт ва эҷодиёти Мунчиқи Тирмизӣ», як васоити таълимӣ бо номи «Таърихи забони тоҷикӣ», як китоби дарсӣ низ бо номи «Таърихи забони тоҷикӣ» мебошад. Ҳоло ӯ чанд китоби дигарро низ омодаи нашр кардааст. Маҷмӯаҳои шеърии «Сувари хаёл» ва «Ватан ишқи» (бо забони ӯзбекӣ), як маҷмӯаи насрӣ-бадеӣ бо номи «Нома ба Офтоб» ва як маҷмӯаи илмӣ бо номи «Дар ҷодаи Тирмизишиносӣ» аз ин қабил мебошанд. Азбаски Ҷумъақулов як муаллими заҳматкашу хоксор ва нисбати шогирдонаш ҷонфидо аст, шогирдонаш ҳам тасмим гирифтанд, ки ҳамчун ҷавоб ба муҳаббати ӯ китобе бо номи «Устоди меҳрубон» тартиб диҳанд. Дар китоби мазкур мақолаҳои чанд нафар шогирдон дар бораи ҳаёту фаъолияти Ҷумъақулов ҷой гирифтааст. Ин як навъ ҳадяи шогирдона аст ба муносибати 50-умин солгарди таваллудаш.

Умре талоши ӯ дар ҳаёт ин буд, ки инсони меҳрубону хоксор бошаду бо меҳру муҳаббаташ дар дили инсонҳо ҷой гирад. Ба қавли худаш «Оё ӯ ба ин муроду мақсадҳои некаш расид ё не?» Мо фикр мекунем, ки талошҳояш беҳуда нарафтаанд. Ӯ соҳиби қалби бузурге гаштаву дар он фақат ҳурмату эҳтиром ва ишқу муҳаббати инсонҳо саршор асту халос. Инсони наздики ӯ дар бораш суханҳои нек гуфтаанд. Банда низ меҳрномаи хешро бо ин шеър ифода намудам.

ЭҲДО БА УСТОД ҶАМШЕДИ ЧАҒОНӢ

Туро дар бӯстони лутф чун мурғи
саҳар дидам,
Забони шаккаринатро мисоли
найшакар дидам!
Дар ин дунёи бемеҳру муҳаббат
меҳри покатро,
Зи меҳри осмонӣ, меҳрбоно,
гармтар дидам!
Зи қалби порсоят накҳати уммед меояд,
Ҳавои навбаҳоратро зи ҷаннат хуш
асар дидам.
Туро дарёи меҳру партави ишқу
насими субҳ,
Вуҷуди хокиятро махзани ганҷу
гуҳар дидам!
Ба номат шоҳию аммо гадоӣ бар
дари хубон,
Туро бо ҳусни хубонат азизу
муътабар дидам.
Зиҳӣ, Ҷамшеди давронам,
сарафрозу саодатманд,
Туро, шукри Худо, боре дар олам
пурзафар дидам!

Истам СИРОҶОВ,
донишҷӯйи бахши филологияи тоҷики факултаи забонҳои хориҷии ДД Тирмиз.

УЛУҒБЕК РАШИДОВ БЕҲТАРИН ТАЭКВОНДОЧИИ ҶАҲОН – ДАР СОЛИ 2024



Чемпиони дукаратаи олимпӣ оид ба таэквондо WT Улуғбек Рашидов беҳтарин таэквондочии ҷаҳон бинобар натиҷаи соли 2024 эътироф гардид.

Ҷоиза ба ҳамватани мо дар доираи чемпионати ҷаҳон оид ба пумсэ, ки дар Гонконг баргузор мешавад, супурда шуд.

Голиби ин номинатсия тавассути раъйдиҳӣ дар саросари ҷаҳон муайян гардид. Хушбахтона, таэквондочиёни ӯзбек бори аввал чунин ҷоизаи бонуфузро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба даст оварданд.

То имрӯз ҳеҷ яке аз ҳамватанони мо чунин эътирофро аз Федератсияи ҷаҳонии таэквондо нагирифта буд.

ДАР ПАРТАВИ ОЗМУНИ «ДУОИ МОДАР»

робитаҳои фарҳангӣ таҳким меёбанд

3 декабри соли равон дар шаҳри Душанбе маросими ҷоизасупории озмуни ҷумҳуриявии нашрияи расмии Тоҷикистон – рӯзномаи «Ҷумҳурият», якҷо бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд таҳти унвони «Дуои модар» баргузор гардид.

Дар чорабинии бошукӯҳ, ки бо мақсади арҷ гузоштан ба Зан-Модар ва тақвияти ҳисси ватанпарастии насли ҷавон, тарбияи онҳо дар руҳияи дӯст доштани Модар-Ватан роҳандозӣ шуда буд, баробари намояндагони ҳукумат, аҳли адабу фарҳанг ва ходимони ҷамъиятиву давлатӣ, вакилон аз Ӯзбекистон, Чин ва Афғонистон иштирок намуданд.

Чорабиниро муовини Сарвазири Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ ифтитоҳ бахшид ва таъкид кард, ки озмуни «Дуои модар» аллакай нуфузи байналмилалӣ гирифта, баргузории чунин озмунҳои сатҳи баланд дар тарбияи насли ҷавон дар руҳияи дӯст доштани Модар-Ватан саҳми босазо мегузоранд.

Дар идома ба онҳое, ки тибқи хулосаи доварон дар ду номина: назм ва публитсистика шоҳҷоиза, ҷойи якум, дувум, сеюм ва ҷойҳои ифтихориву ҷоизаҳои махсуси муассисонро ба даст оварданд, диплом, ҷоиза, мукофотпулӣ ва туҳфаҳо супорида шуд.

Боиси эътироф аст, ки дар ин озмуни бонуфуз ду нафар корманди рӯзномаи «Овози тоҷик» – Шариф Халил, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, мухбири рӯзнома дар вилояти Қашқадарё (барои новеллаи «Илтиҷо») ва Фаридуни Фарҳодзод, мухбири рӯзнома (барои лавҳаҳо таҳти мавзӯи «Аз дуои модар аст иқболи мо») дар номинаи публитсистика ҷойи дувумро ба даст оварданд. Инчунин, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, директори мактаби таълими умумии рақами 3-юми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона Расулбеки Аҳмадзод барои шеърҳои худ дар мадҳи Модар сазовори ҷойи ифтихорӣ гардид.

Шоҳҷоизаи озмун ба Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Каримии Озарахш насиб кард.

– Дар ин маҳфил, ки дар оғуш ва суҳбати ҳаммиллату ҳамзабонон гузашт, бори дигар собит гардид, ки маҳз сухан аз модар – фариштаи рӯи Замин, моро ба ҳам меорад, мисли он ки, то зинда будан дар оила фарзандонро зуд-зуд сари як дастархон ҷамъ меоварад, – иброз дошт Шариф Халил. – Озмуни «Дуои модар», бешубҳа, озмуни байналмилалист, зеро модар барои ҳамаи миллатҳо яксон азиз аст, бавижа барои тоҷиконе дунё. Бигзор, модарро бо забонҳои дигар, аз ҷумла ба забони ӯзбекӣ низ тавсиф кунанд, дар ҷаридаҳои Тоҷикистон чоп шаванд, ашъори шоирони тоҷик дар Ӯзбекистон интишор ёбанд ва дар партави меҳри ӯ сулҳу баҳамоиро ривоҷ диҳанд.

– Халқҳои тоҷику ӯзбек адабиёт, санъат ва фарҳанги муштарак доранд, – гуфт шоир Расулбеки Аҳмадзод. – Имрӯзҳо дар Ӯзбекистону Тоҷикистон бобати таҳкими робитаҳои адабиву фарҳангии ду халқ саъю талоши беш аз пеш ба чашм мерасад. Иштирок ва пирӯз гардидани мо дар озмун самари ин робитаҳои ҳамкорӣ аст. Барои пазироии самимона, гиромидошт ва эҳтирому эътироф ба аҳли қалами рӯзномаи маҳбубу маъруфи «Ҷумҳурият» сипос мегӯем. Умед дорем, ки дар партави озмун робитаҳои фарҳангии ду давлат боз ҳам таҳким меёбанд ва мо эҷодкорон дар ҳар нафасу ҳар қадам, ҳам бо амал ва ҳам бо қалам дӯстии халқҳоямонро тараннум карда, ба комёбиҳои бештар ноил мегардем.

Чорабинӣ бо таронаҳои дилангези сарояндагони хушовоз дар тараннуми Ватан, васфи модар, мадҳи дӯстиву рафоқат шукӯҳи идона гирифт.

Ф. ЙӮЛДОШЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».
Ш. ДУШАНБЕ.
ТОҶИКИСТОН.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.40

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.